**“Тасдиқ шудааст”**
Бо қарори Шӯрои нозирони
Хазинаи суғуртаи амонату
пасандозҳои Тоҷикистон
№8, аз «14» ноябри 2024с.

# Дастурамал “Дар бораи пардохтҳои ташкилотҳои қарзӣ ба Хазинаи суғуртаи амонату пасандозҳои Тоҷикистон”

Дастурамал “Дар бораи пардохтҳои ташкилотҳои қарзӣ ба Хазинаи суғуртаи амонату пасандозҳои Тоҷикистон” (минбаъд - Дастурамал) мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи суғуртаи амонату пасандозҳо” (минбаъд - Қонун) бо мақсади ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии пасандоздорон бо роҳи пардохти ҷубронпулии суғурта таҳия гардида, тартиби ҳисоб ва шартҳои супоридани пардохтҳои ташкилотҳои қарзиро ба Хазинаи суғуртаи амонату пасандозҳои Тоҷикистон (минбаъд - Хазина) муқаррар менамояд.

## 1. Муқаррароти умумӣ

1. Ҳар як ташкилоти қарзие, ки иҷозатномаи Бонки миллии Тоҷикистонро барои ҷалби амонату пасандозҳо дорад, узви Хазина мебошад. Ташкилоти қарзӣ, ба истиснои ташкилоти қарзӣ, ки дар он ҳолати суғуртавӣ ба вуқуъ омадааст, уҳдадор аст пардохтҳоро дар мухлат ва тибқи шартҳои муқаррарнамудаи Қонун ва Дастурамали мазкур пардохт намояд.

2. Дар Дастурамал мафҳумҳои асосии зерин истифода мешаванд:

- **пардохтҳо** – ҳаққи узвият, пардохтҳои тақвимӣ ва иловагӣ, ки ташкилотҳои қарзӣ мутобиқи Қонун ба Хазина пардохт менамоянд;

- **ҳаққи узвият** - ҳаққи бебозгашти узвият, ки аз ҷониби ташкилоти қарзӣ баъди гирифтани иҷозатномаи Бонки миллии Тоҷикистон барои ҷалби амонату пасандозҳо, ба Хазина бо мақсади шомил шудан ба низоми суғуртаи ҳатмии амонату пасандозҳо пардохт карда мешавад;

- **пардохтҳои тақвимӣ** – маблағе, ки аз ҷониби ташкилоти қарзӣ-узви Хазина ҳар семоҳа ба Хазина аз рӯи бақияи миёнаи семоҳаи гузаштаи пасандозҳои суғурташуда тибқи андозаи муқаррарнамудаи Қонун бо пули миллӣ ва асъори хориҷӣ пардохт карда мешавад;

- **пардохтҳои иловагӣ** - саҳми махсус ба Хазина, ки аз ҷониби ташкилотҳои қарзии иштирокчии низоми суғуртаи амонату пасандозҳо бо мақсади рафъи касри Хазина якдафъаина (як маротиба дар як сол) бо меъёри муқарраршуда пардохт карда мешавад;

- **меъёри пардохтҳои иловагӣ** - андозаи дукаратаи пардохтҳои тақвимӣ;

- **пасандозҳои суғурташуда** - маблағи суратҳисобҳои амонату пасандозҳое, ки тибқи Қонун объекти ҳатмии суғурта мебошанд;

- **касри Хазина** - маблағи нокифояи Хазина, ки барои пардохти ҷубронпулии суғуртавӣ ба пасандоздорон зарур аст, ки он ҳангоми хавфи баланди пайдоиши ҳолат(ҳо)и суғуртавӣ ва дар сурати аз андозаи ҳадди ақали ҳисобшудаи маблағи Хазина камтар будани маблағҳои Хазина муайян карда мешавад;

- **андозаи ҳадди ақалли маблағҳои Хазина** - маблағҳои ҳадди ақал кофӣ, ки ҳамчун маблағи буферӣ барои иҷрои уҳдадориҳои Хазина дар назди пасандоздорон

ҳангоми фарорасии ҳолати суғуртавӣ ва нигоҳ доштани эътимоди аҳолӣ ба низоми суғуртаи амонату пасандозҳо баромад мекунанд. Андозаи ҳадди ақалли маблағҳои Хазина набояд аз андозае, ки бо мақсади пешгирии касри Хазина дар асоси методикаи баҳодиҳии андозаи ҳадди ақали кифоятии маблағи Хазина, ки аз ҷониби Шӯрои нозирони Хазина тасдиқ шудааст, камтар бошад.

- **бонки мутавассит** - бонке, ки барои қабули дороиҳо, уҳдадориҳо ва ё иҷрои вазифаҳои ташкилоти қарзие, ки таҳти маъмурияти муваққатӣ қарор дорад, таъсис дода шуда, амалиёти ҷудогонаи бонкиро анҷом медиҳад.

3. Ташкилоти қарзӣ бо роҳи интиқоли маблағ ба суратҳисобҳои дахлдори Хазина, ки дар Бонки миллии Тоҷикистон барои ҳамин мақсад кушода шудаанд, пардохтҳоро месупорад.

4. Маблағи пардохтҳое, ки ташкилоти қарзӣ ба Хазина месупорад, бебозгашт буда, ба хароҷоти амалиётии он ворид карда мешавад.

## 2. Ҳаққи узвият

5. Ташкилотӣ қарзӣ дар давоми се рӯзи баъди гирифтани иҷозатномаи Бонки миллии Тоҷикистон ҳаққи узвиятро ба Хазина бо пули миллӣ пардохт мекунад.

6. Андозаи ҳаққи узвият 0,5 фоизи ҳадди ақалли сармояи (фонди) оинномавии ташкилоти қарзиро ташкил медиҳад.

7. Маблағи ҳаққи узвият тариқи зарб задани андозаи ҳадди ақалли сармояи (фонди) оинномавии ташкилоти қарзӣ ба андозаи муқарраршудаи ҳаққи узвият ҳисоб ва муайян карда мешавад.

8. Маълумот оид ба маблағи ҳисобшуда ва пардохтшудаи ҳаққи узвият тибқи замимаи Дастурамали мазкур пур карда шуда, дар давоми ду рӯзи корӣ баъди пардохти ҳаққи узвият ба Хазина аз ҷониби ташкилоти қарзӣ бо имзои роҳбар, сармуҳосиб ва бо тасдиқи муҳр дар шакли коғазӣ пешниҳод карда мешавад.

9. Ташкилоти қарзие, ки дар натиҷаи азнавташкилдиҳӣ, ба истисноит табдилдиҳӣ таъсис ёфтааст, аз пардохти ҳаққи узвият озод мебошад.

10. Дар ҳолати табдилдиҳии ташкилоти амонатии қарзии хурд ба бонк, ҳаққи узвият ба андозаи 0,5 фоизи ҳадди ақалли сармояи (фонди) оинномавии барои бонкҳо муқарраршуда пардохт карда мешавад.

11. Бонки мутавассит аз пардохти ҳаққи узвият ба Хазина озод мебошад.

## 3. Пардохтҳои тақвимӣ

12. Ҳисоб ва пардохти пардохтҳои тақвимӣ тибқи Дастурамали мазкур аз ҷониби ташкилоти қарзӣ мустақилона амалӣ карда мешавад.

13. Ташкилоти қарзӣ мутобиқи муқаррароти моддаи 16 Қонун ва тартиби муайянкардаи Дастурамали мазкур, ҳар семоҳа пардохтҳои тақвимиро ба андозаи муайян бо пули миллӣ ва асъори хориҷӣ ба Хазина пардохт менамояд.

14. Барои ҳисоб намудани маблағи пардохтҳои тақвимӣ барои давраи ҳисоботӣ заминаи ҳисобкунии он муайян карда мешавад.

15. Бақияи миёнаи ҳаррӯзаи тавозунии пасандозҳои суғурташуда дар семоҳаи ҳисоботӣ заминаи ҳисобкунии пасандозҳои суғурташудаи ташкилоти қарзӣ ба ҳисоб меравад.

16. Ба таркиби заминаи ҳисобкунӣ ҳисобҳои тавозунии зерин дохил карда мешаванд:

1) 20202 - Амонатҳои дархостии резидентҳо – пули миллӣ;

2) 20206 - Амонатҳои дархостии резидентҳо – асъори хориҷӣ;
3) 20212 - Амонатҳои дархостии ғайрирезидентҳо – пули миллӣ;
4) 20214 - Амонатҳои дархостии ғайрирезидентҳо – асъори хориҷӣ;
5) 20216 - Амонатҳои пасандозии резидентҳо – пули миллӣ;
6) 20218 - Амонатҳои пасандозии резидентҳо – асъори хориҷӣ;
7) 20220 - Амонатҳои мухлатноки резидентҳо – пули миллӣ;
8) 20222 - Амонатҳои мухлатноки резидентҳо – асъори хориҷӣ;
9) 20226 - Амонатҳои пасандозии ғайрирезидентҳо – пули миллӣ;
10) 20228 - Амонатҳои пасандозии ғайрирезидентҳо – асъори хориҷӣ;
11) 20230 - Амонатҳои мухлатноки ғайрирезидентҳо – пули миллӣ;
12) 20232 - Амонатҳои мухлатноки ғайрирезидентҳо – асъори хориҷӣ.

17. Заминаи ҳисобкунӣ барои пардохтҳои тақвимӣ аз рӯи пасандозҳои суғурташуда бо пули миллӣ ва асъори хориҷӣ алоҳида дар асоси формулаи зерин ҳисоб карда мешавад:

$$B = (X_1 + X_2 + ... + X_n) / n ,$$

ки дар ин ҷо:
B - заминаи ҳисобкунии маблағи пасандозҳои суғурташуда;
$X_1$-маблағи пасандозҳои суғурташуда дар рӯзи якуми семоҳаи ҳисоботӣ;
$X_2$-маблағи пасандозҳои суғурташуда дар рӯзи дуюми семоҳаи ҳисоботӣ;
$X_n$-маблағи пасандозҳои суғурташуда дар рӯзи охири семоҳаи ҳисоботӣ;
n - шумораи рӯзҳо дар семоҳаи ҳисоботӣ.

18. Маблағи пардохтҳои тақвимӣ аз рӯи пасандозҳои суғурташуда бо пули миллӣ ҳосили зарби маблағи заминавии ҳисобшуда бо пули миллӣ ва андозаи пардохтҳои тақвимӣ бо пули миллӣ буда, он аз рӯи формулаи зерин ҳисоб карда мешавад:

$$S_n = B_n * R_n ,$$

ки дар ин ҷо:
$S_n$ - маблағи пардохтҳои тақвимӣ бо пули миллӣ;
$B_n$ - заминаи ҳисобкунии пардохтҳои тақвимӣ бо пулӣ миллӣ;
$R_n$ - андозаи пардохтҳои тақвимӣ бо пули миллӣ (бо фоиз).

19. Маблағи пардохтҳои тақвимӣ аз рӯи пасандозҳои суғурташуда бо асъори хориҷӣ ҳосили зарби маблағи заминавии ҳисобшуда бо асъори хориҷӣ ва андозаи пардохтҳои тақвимӣ бо асъори хориҷӣ буда, он аз рӯи формулаи зерин ҳисоб карда мешавад:

$$S_v = B_v * R_v ,$$

ки дар ин ҷо:
$S_v$ - маблағи пардохтҳои тақвимӣ бо асъори хориҷӣ;
$B_v$ - заминаи ҳисобкунии пардохтҳои тақвимӣ бо асъори хориҷӣ;
$R_v$ - андозаи пардохтҳои тақвимӣ бо асъори хориҷӣ (бо фоиз).

20. Барои муайян кардани заминаи ҳисобкунӣ аз рӯи пасандозҳои суғурташуда бо асъори хориҷӣ, бақияи ҳаррӯзаи тавозунии онҳо бо пули миллӣ аз рӯи қурби расмии муқарраркардаи Бонки миллии Тоҷикистон дар охири рӯз истифода мешавад.

21. Давраи ҳисобкунӣ барои муайян кардани замина ва пардохти пардохтҳои тақвимии ташкилоти қарзии навтаъсис, аз рӯзи гирифтани тасдиқнома дар бораи узвият дар Хазина оғоз меёбад.

22. Ташкилоти қарзие, ки дар он ҳолати суғуртавӣ ба вуқуъ омадааст, уҳдадор аст то рӯзи бозхонди иҷозатнома пардохтҳои тақвимии ҳисобшударо ба Хазина пардохт намояд.

23. Пардохтҳои тақвимӣ аз рӯи пасандозҳои суғурташуда бо пули миллӣ – бо сомонӣ ва аз рӯи пасандозҳои суғурташуда бо асъори хориҷӣ – бо доллари ИМА дар мӯҳлати муқаррарнамудаи қисми 2 моддаи 16 Қонун тариқи гузаронидани маблағ ба суратҳисобҳои дахлдори Хазина дар Бонки миллии Тоҷикистон пардохт карда мешаванд.

24. Ташкилоти қарзӣ ҳар семоҳа бо тартиби муқарраркардаи санадҳои меъёрии Хазина ҳисобот ва маълумотро оид ба маблағи ҳисобкардашудаи пардохтҳои тақвимӣ, ки бояд пардохт карда шавад, дар мӯҳлати то санаи 15-уми моҳи якуми пас аз семоҳаи ҳисоботӣ анҷомёфта ба Хазина пешниҳод менамояд.

## 4. Пардохтҳои иловагӣ

25. Хазина мутобиқи моддаи 17 Қонун ҷиҳати рафъи касри Хазина барои ташкилотҳои қарзӣ метавонад пардохтҳои иловагии якдафъаинаро муқаррар намояд.

26. Ҷамъоварии пардохтҳои иловагӣ ҳангоми ба вуҷудоии касри Хазина бо мақсади рафъи касри он ва таъмини фаъолияти муназзами низоми суғуртаи амонату пасандозҳо, инчунин саривақт пардохт кардани ҷубронпулии суғурта ба пасандоздорон ҳангоми фарорасии ҳолати суғуртавӣ ва нигоҳ доштани эътимоди аҳолӣ ба низоми бонкии кишвар, ба роҳ монда мешавад.

27. Ҳангоми ба вуҷуд омадани касри Хазина, Хазинаро мебояд бе таъхир раванди пардохти пардохтҳои иловагиро ба роҳ монад ва маблағи заруриеро, ки ташкилотҳои қарзӣ уҳдадоранд пардохт намоянд, ҳисоб намояд.

28. Пардохти иловагӣ бо роҳи татбиқи меъёри пардохтҳои иловагӣ нисбат ба заминаи ҳисобкунӣ – маблағи амонату пасандозҳои суғурташуда дар ташкилоти қарзӣ бо асъори миллӣ ва хориҷӣ, ҳисоб карда мешавад. Маблағи миёнаи амонату пасандозҳои суғурташудаи ташкилоти қарзӣ аз бақияи тавозунии ҳаррӯзаи онҳо дар чор давраи (семоҳаи) ҳисоботии охир ҳамчун заминаи ҳисобкунӣ ҳисобида мешавад.

29. Меъёри пардохти иловагӣ мутобиқи қисми 1 моддаи 17 Қонун ба андозаи дукаратаи пардохтҳои тақвимӣ баробар аст.

30. Пардохти иловагӣ аз ҷониби ташкилоти қарзӣ бо мақсади иҷрои талаботи Қонун ва Дастурамали мазкур бо пули миллӣ тибқи меъёри муқарраршуда пардохт карда мешавад.

31. Қарор дар бораи пардохти пардохтҳои иловагӣ, андоза ва мӯҳлати пардохти он аз ҷониби Шӯрои нозирони Хазина қабул карда мешавад.

32. Дар сурати боқӣ мондани касри Хазина пас аз пардохти пардохтҳои иловагӣ, Хазина метавонад такроран пардохти пардохтҳои иловагиро ба роҳ монад.

33. Дар шароити рафъ нагардидани касри маблағҳои Хазина пас аз пардохти пардохтҳои иловагӣ, маблағи умумии норасоӣ барои муайян кардани андозаи каср ва барои бартараф кардани он ҳисоб карда мешавад.

Дар ин ҳолат Хазина ҳуқуқ дорад барои пур кардани маблағҳои худ аз ҳисоби манбаъҳои муайяннамудаи Қонун, аз ҷумла аз ҳисоби муроҷиат ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади гирифтани маблағи қарз барои пӯшонидани касри он чораҳо андешад.

34. Қарор дар бораи пардохти пардохтҳои иловагӣ дар мувофиқаи пешакӣ бо Бонки миллии Тоҷикистон дар хусуси оне ки ҷорӣ намудани пардохтҳои иловагӣ

риояи меъёрҳои пардохтпазирӣ ва сармояи ташкилоти қарзиро зери хатар намегузоранд, қабул карда мешавад.

35. Агар ҷорӣ намудани пардохтҳои иловагӣ устувории молиявии ташкилоти қарзиро зери хатар гузорад, Шӯрои нозирони Хазина дар асоси машварат бо Бонки миллии Тоҷикистон метавонад қарор қабул кунад, ки пардохти иловагии ин ташкилоти қарзӣ ба муҳлати на бештар аз шаш моҳ ба таъхир гузошта шавад.

36. Давріяти ҷамъоварии пардохтҳои иловагӣ, ки бояд аз ҷониби ташкилотҳои қарзӣ пардохт карда шаванд, наметавонад дар давоми як соли тақвимӣ аз як маротиба зиёд бошад.

37. Хазина ба ташкилотҳои қарзӣ дар давоми се рӯзи корӣ аз рӯзи қабули қарори дахлдор аз ҷониби Шӯрои нозирони Хазина, аммо на дертар аз панҷ рӯзи корӣ пеш аз оғози пардохти чунин пардохтҳо, дастур дар бораи андоза ва муҳлати муқарраршудаи пардохти пардохтҳои иловагиро ирсол менамояд.

38. Супоришнома оид ба пардохти пардохтҳои иловагӣ ба ташкилотҳои қарзӣ барои фавран иҷро намудан, на дертар аз се рӯзи корӣ аз рӯзи фиристодани супоришномаи мазкур бо роҳи интиқоли маблағ ба суратҳисоби Хазина дар Бонки миллии Тоҷикистон, пешниҳод карда мешавад.

39. Пардохти пардохтҳои иловагӣ уҳдадориҳои ташкилоти қарзиро аз рӯи пардохти пардохтҳои тақвимӣ боз намедорад.

## 5. Назорати пардохтҳо

40. Хазина назорати пардохтҳоро дар рафти таҳлили ҳисоботи ташкилотҳои қарзӣ бо роҳи муқоисаи маблағи пардохти воқеан пардохтшуда бо маблағе, ки бояд тибқи Дастурамали мазкур пардохт карда шавад, инчунин ҳангоми санҷиши ташкилотҳои қарзӣ, ки аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон бо иштироки кормандони Хазина гузаронида мешавад, амалӣ менамояд. Тартиби санҷиши ташкилотҳои қарзӣ доир ба масъалаҳои марбут ба андоза ва сохтори уҳдадориҳо аз рӯи пардохтҳо тибқи санадҳои меъёрии Хазина муқаррар карда мешавад.

41. Хазина ҳар семоҳа аз ташкилотҳои қарзии аъзои низоми суғуртаи амонату пасандозҳо ҳисоботро оиди бақияи миёнаи пасандозҳои суғурташуда гирифта, онро ҳамаҷониба таҳлил менамояд. Дар асоси ҳисоботи пешниҳодшуда Хазина маблағи пардохтҳои тақвимии дар семоҳаи ҳисоботӣ ба Хазина пардохтшуда, ҳолатҳои пурра ё сари вақт пардохт накардани пардохтҳои тақвимӣ, маблағи кам ё барзиёд аз ҷониби ташкилотҳои қарзӣ пардохтшударо муайян менамояд.

42. Дар ҳолати аз ҷониби ташкилоти қарзӣ барзиёд гузаронидани маблағи ҳаққи узвият, пардохтҳои тақвимӣ, пардохтҳои иловагӣ ё ноустуворона, Хазина тибқи дархости ташкилоти қарзӣ маблағи барзиёд гузаронидашударо барои ҳисобӣ намудани маблағҳои минбаъдаи пардохтҳои тақвимӣ ё дар сурати мавҷудият барои пардохти қарзи ташкилоти қарзӣ аз рӯи пардохтҳои тақвимӣ (ноустуворона)-и дигар давраҳои ҳисоботӣ истифода мебарад.

43. Дар ҳолати бозхонди иҷозатномаи ташкилоти қарзӣ барои анҷом додани фаъолияти бонкӣ мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи барҳамдиҳии ташкилотҳои қарзӣ” ва анҷом ёфтани уҳдадориҳои ташкилоти қарзӣ аз рӯи пардохти пардохтҳои тақвимӣ, Хазина муқоисаи уҳдадориҳои ташкилоти қарзӣ аз рӯи пардохтҳои тақвимиро мутобиқи ҳисоботи охирини ташкилоти қарзӣ ба Хазина амалӣ менамояд.

44. Хазина ҳуқуқ дорад аз ташкилотҳои қарзӣ дар шакли хаттӣ маълумотро оиди пардохтҳо ба Хазина дархост намояд.

## 6. Ҷавобгарӣ барои насупоридани пардохтҳо

45. Ташкилоти қарзӣ дар ҳолати пурра ё сари вақт пардохт накардани пардохтҳои тақвимӣ ё иловагӣ ӯҳдадор аст иловатан барои ҳар як рӯзи таъхир ба андозаи як фоизи маблағи пардохтнашуда ба Хазина ноустуворона супорад. Маблағи ноустуворонаи ҳисобшуда набояд аз маблағи пардохтҳои тақвимӣ барои давраи ҳисоботӣ зиёд бошад. Маблағи ноустуворона аз рӯи формулаи зерин ҳисоб карда мешавад:

$$P_{n,v} = (S_{n,v} * p_r) * n , \qquad P_{n,v} \leq \Sigma S_{nv}$$

ки дар ин ҷо:

$P_{n,v}$ – маблағи ноусуворона (бо пули миллӣ ва ё асъори хориҷӣ);

$S_{n,v}$ – маблағи пардохтнашуда (бо пули миллӣ ва ё асъори хориҷӣ);

$p_r$ – андозаи ноустуворона (бо фоиз);

n – шумораи рӯзҳои таъхир;

$\Sigma S_{nv}$ – ҷамъи маблағи пардохтҳои тақвимӣ барои давраи ҳисоботӣ.

46. Маблағи ноустуворона барои амонату пасандозҳо бо асъори хориҷӣ бо пули миллӣ, аз рӯи қурби расмии Бонки миллии Тоҷикистон, ки дар санаи гузаронидани маблағи ноустуворона аз ҷониби ташкилоти қарзӣ ба Хазина муқаррар карда шудааст, пардохт карда мешавад.

47. Хазина дар бораи рӯёнидани пардохтҳои тақвимӣ, пардохтҳои иловагӣ ва ноустуворона ба ташкилоти қарзӣ огоҳинома ирсол менамояд.

48. Ҳангоми аз ҷониби ташкилоти қарзӣ дар муҳлати се рӯз иҷро накардани огоҳинома, Хазина ҳуқуқ дорад дар бораи рӯёнидани пардохтпулиҳои дахлдор бо ариза ба суд муроҷиат намояд.

49. Ҳангоми муайян намудани ҳолатҳои пурра ё саривақт пардохт накардани пардохтҳо ва ноустуворона Хазина барои андешидани чораҳои фаврии ислоҳӣ ва таъсиррасонӣ нисбати ташкилоти қарзӣ ба Бонки миллии Тоҷикистон дархост ирсол менамояд.

## 7. Муқаррароти иловагӣ

50. Ҳангоми ба андозаи ҳадди аксар расидани маблағҳои Хазина Шӯрои нозирони Хазина метавонад дар бораи кам кардани андозаи пардохтҳои тақвимӣ на зиёда аз нисфи андозае, ки дар моддаи 16 Қонун муқаррар шудааст, қарор қабул кунад.

51. Шӯрои нозирони Хазина метавонад бо қарори худ ташкилоти қарзиро, ки тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон» таҳти батанзимдарорӣ қарор дорад ё тибқи нақшаи солимгардонии аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон тасдиқшуда фаъолият дорад аз пардохти пардохтҳои тақвимӣ муваққатан озод намояд.

52. Бо мақсади барқароркунии маблағҳои Хазина ва иҷрои ухдадориҳои Хазина аз рӯйи қарзҳои ҷалбшуда Шӯрои нозирони Хазина метавонад дар бораи муваққатан муқаррар кардани андозаи пардохтҳои тақвимӣ бо пули миллӣ ва асъори хориҷӣ то 0,5 фоиз қарор қабул кунад.

## 8. Муқарраароти хотимавӣ

53. Маълумот дар бораи ҳаҷми пардохтҳои иловагӣ махфӣ буда, аз ҷониби Хазина ва ташкилотҳои қарзӣ ба шахсони сеюм, ба истиснои ҳолатҳои пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, ифшо карда намешавад.

54. Дастурамали мазкур пас аз тасдиқ ва интишор гардидани он дар сомонаи расмии Хазина дар шабакаи интернет, мавриди амал қарор дода мешавад.

55. Дар сурати ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Дастурамал, он аз ҷониби Хазина ба ташкилотҳои қарзӣ тавассути ҷойгиркунӣ дар сомонаи Хазина дар давоми 10 рӯзи корӣ аз рӯзи қабули қарори дахлдор расонида мешаванд.

**Замима**
ба Дастурамал “Дар бораи
пардохтҳои ташкилотҳои қарзӣ ба
Хазинаи суғуртаи амонату
пасандозҳои Тоҷикистон”

**Маълумот оид ба маблағи ҳисобшуда ва пардохтшудаи ҳаққи узвият**

Номи ташкилоти қарзӣ ____________________________________________

Сана:

| Сана ва рақами иҷозатномаи Бонки миллии Тоҷикистон | Маблағи ҳадди ақалли сармояи оинномавӣ (сомонӣ) | Маблағи ҳисобшудаи ҳаққи узвият (сомонӣ) | Санаи пардохти ҳаққи узвият |
|---|---|---|---|
| | | | |

Роҳбар __________________ ____________________________
(имзо) (ному насаб)

Сармуҳосиб __________________ ____________________________
(имзо) (ному насаб)

Ҷ.М.